

тоҷ 2
Мос О-12

# ОБАКИ ШИРИН

Мол тоъ2
О-12

# ОБАКИ ШИРИН



Китобхонаи бачагонаи
Чутхура
12148
Жаб

Душанбе
«Адиб»
2003

**Ин китоб бо дастгирии**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов**
**ба табъ расидааст.**

Муҳаррир ва мураттиб
*Юсуфҷон АҲМАДЗОДА*

Мусаввир *С.АНТОНОВА*

Дӯструякони азиз!

Соли 2003-юмро Созмони Милали Муттаҳид маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов Соли оби тоза эълон кардааст. Ба ин муносибат мо барои Шумо маҷмӯае таҳия намудаем ба он умед, ки бештар китоб хонед, оқилу доно шавед, табиат ва олами хешро эҳёву эҳтиёт кунед.

Тандурусту пирӯз бошед!

4702509010 – 30
А ——————————— – 2003
М 503 – 2003

© М.Миршакар, У.Раҷаб ва дигарон, 2003

*Мирсаид МИРШАКАР*

## ОБАКИ ШИРИН

Биё, биё, обаки ширини мо,
Биё, биё, обаки заррини мо,
Ҳамдами мо, ҷӯраи дерини мо.
Биё, ба ту анҳори нав муборак.
Биё, биё, баҳори нав муборак!

Шар-шаркунон равон бишав шитобон,
Биё, барем туро сӯйи биёбон,
Мадад расон, кунем вайро гулистон,
Биё, ба ту анҳори нав муборак,
Биё, биё, баҳори нав муборак!

Давон биё, омаданат баҳор аст,
Замину дашти мо дар интизор аст,
Бӯстон шавад он ҷо, ки шӯразор аст.
Биё, ба ту анҳори нав муборак,
Биё, биё, баҳори нав муборак!

## ОБИ ЗУЛОЛИ ҶӮЙБОР

Шаҳро парма мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор,
Бӯи тарма мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор.
Бӯйи торон мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор,
Бӯйи райҳон мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор.
Бӯйи сунбул мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор,
Бӯйи сад гул мекунад
Оби зулоли ҷӯйбор.
Каф даври лаб меояд
Оби зулоли ҷӯйбор,
Бо шаст аҷаб меояд
Оби зулоли ҷӯйбор.
Деҳро суд оварад беҳ
Оби зулоли ҷӯйбор,
Сар монад бар пои деҳ
Оби зулоли ҷӯйбор.
Рӯзу шаб дар шитоб аст
Оби зулоли ҷӯйбор,
Чун бобоям бехоб аст
Оби зулоли ҷӯйбор.

## ОБАКИ ВАРЗОБ

Обаки Варзоб
Намеравад хоб,
Мекунад шитоб
Обаки Варзоб.

Боғ интизор аст,
Роғ интизор аст.
Айёми гармо,
Мавсими кор аст.

Қатра ба қатра
Бояд бирезад,
То гулу сабза
Аз хок хезад.

То чав бихезад,
Гандум бихезад,
То пахта хезад,
Ҳар чо, ки резад.

Обаки Варзоб
Намеравад хоб,
Мекунад шитоб
Обаки Варзоб.

## ОБИ РАВОН

Оби равон
Равон-равон,
Бозикунон,
Шодикунон,
Биё, биё,
Ҳамраҳи ман,
Қафо намон,
Оби равон!

Боғ барам
Ҷӯй ба ҷӯй,
Майда кунам
Мӯй ба мӯй.
Себ хурад.
Нок хурад,
Биҳи хурад,
Ток хурад.

Тути ҳами хона хурад,
Анори бедона хурад,
Кад кашаду бор диҳад.
Меваи бисёр диҳад.
Ман хураму калон шавам,
Мардаки боғбон шавам!

## ХОНАИ ОБ

Як ҷӯи калон дорем,
Як оби равон дорем.
Обаки мо пуршӯр аст,
Рангаш мисли булӯр аст.
Рӯзона ба сад овоз
Мекунад нағмаву соз,
Аммо шабҳои дароз
Алла гӯяд боз, боз,
Шабҳои ғарқи маҳтоб
Мешавад ранги симоб,
Аз шуълаҳои ховар
Оташ гирад саросар,
Мегузарад шитобон,
Нағмагару ғазалхон
Аз ҳавлии Маҳпора,
Ба ҳавлии Сайёра.
Аз чорбоғи Рахшона
Ба ҳавлии Ҷонона.
Аз киштӯ боғу гулзор
Ин обаки беқарор
Мегузарад шитобон,
Нағмагару ғазалхон.
– Эй обаки беқарор,
Эй ҷӯяки пурасрор,
Канӣ, худат як бигӯ?
Дар куҷо хонаи ту?
Дар ҷавоби мо хандон,
Мегузарад шитобон.
Боре бар суроғи он,
Хонаи оби равон.
Қад-қади кӯча рафтем,
Як гала бачча рафтем,
Лаб-лабаки ҷӯ рафтем.
Ба бӯи хулбӯ рафтем
Аз деҳа боло рафтем,
Паси теппаҳо рафтем.
Сари чашма расидем,
Хонаи оба дидем.
Обаки мо пуршӯр аст!
Рангаш мисли булӯр аст!

*ГУЛНАЗАР*

## ЧАШМА

Ин чашмаи соф
Ёвари дарёст,
Агарчи хурд аст,
Модари дарёст.
Сози тари ӯ
Дар лаби дарёст,
Дарси сабоҳеш
Мактаби дарёст.
Умри дарозаш
Ҳамраҳи дарёст,
Дур асту аммо
Огаҳи дарёст.
Дунёи розаш
Дунёи дарёст,
Фардои некаш
Фардои дарёст.
Посаш бидорем
Дар поси дарёст,
Дар покии ӯ
Ихлоси дарёст.
Ин чашмаи соф
Ёвари дарёст,
Агарчи хурд аст,
Модари дарёст.

## РОЗИ ОБ

Сабзии сабза,
Сурхии лола,
Ҷомаи садранг
Дар тани ёла –
Ин рози об аст,
Эҷози об аст.

Дорад умедам
Шарбати олу,
Бӯи себ ояд
Аз суҳбати ту –
Ин рози об аст,
Эҷози об аст.

Кулчаи ширмол
Дар рӯи модар,
Оташи хандон
Дар чашми хоҳар –
Ин рози об аст,
Эҷози об аст.

Хаёли рангин,
Камоли паймон,
Дунёи зебо,
Покии имон –
Ин рози об аст,
Эҷози об аст.

## ДАРЁ БИГӮЯД

Кӯҳи сафедриш
Гӯяд ба нозиш:
“Дар сина ганче
Ноёб дорам.”
Дарё бигӯяд:
“Ман об дорам!”
Гардун шабона
Хонад тарона:
“Дар хонаи хеш
Маҳтоб дорам.”
Дарё бигӯяд:
“Ман об дорам!”
Саҳрои гандум
Созад тараннум:
“Сад суфраи нон
Дар боб дорам.”
Дарё бигӯяд:
“Ман об дорам!”
Дунёи бозор
Гӯяд ба такрор:
“Сад гуна сарват
Дарёб дорам.”
Дарё бигӯяд:
“Ман об дорам!”

## ОБ ОМАДУ НУР ОМАД
## (силсила)

### ОБИ БЕҒУБОР

Об, надорӣ карор,
Об, надорӣ ғубор.
Мӯъҷизаат бешумор,
Сурати нур асту нор.
Об, надорӣ ғубор.

Меравию меравӣ,
Медавию медавӣ.
Чун бизанӣ сар ба санг,
Шир барин медамӣ.
Об. надорӣ ғубор.

Обаки сарди ҳалол,
Обаки софу зулол.
Таъми расио туро
Нест нишони завол.
Об, надорӣ ғубор.

Оби фаровони мо,
Суфраи эҳсони мо,
Аз нафасат мерасад
Неъмати алвони мо.
Об, надорӣ ғубор.

Аз ҳама боло туӣ,
Ҳикмати воло туӣ.
Бе ту расад нестӣ,
Ҳастии дунё туӣ.
Об. надорӣ ғубор.

### БОРОН

– Борон, борон, ба кучо
Мешитобӣ ту бо шаст?
– Ба дарахту буттаҳо
Об додан зарур аст.

– Борон, борони баҳор,
Тар шуд ҳама ҷо. нигар.
– Ҳоло маро интизор
Сабзӣ, карам, чуғундар...

– Борон, борон, ин қадар
Ин саҳар ҳастӣ хушнуд?
– Чунки оби фузунтар
Додам ба себу муруд.

Шустам боми хонаҳо,
Тоза кардам ҳама чиз,
Ҳам токи сернавдаро,
Ҳавои деҳаро низ.

– Борон, борони баҳор,
Оби ҷӯҳо шуд дамон.
– Бале, ҷӯбори бисёр
Ба дарё кардам равон.

– Дамид оби дарё ҳам,
Муродат шуд муяссар?
– Бале, рафтам ба роҳам,
То боздиди дигар!

## БАРАКАТИ БАРФ

Барфи фаровон борид,
Барфи дурахшон борид.
Ба дашту саҳро нигар,
Қабояшон шуд дигар.
Шуд боғу майдон сафед,
Долу дарахтон сафед.
Гуё, ки бодом шукуфт,
Гулбоғи бобом шукуфт.
Гӯё, ки дар зимистон
Омад фасли баҳорон.
Гӯё болои ҳар бом
Пур шуд аз нуқраи хом…
Фардо дамад офтоб,
Ин барфҳо шавад об.
Ба боғу саҳро равад,
Ҷониби дарё равад.
Сабзаҳои тозарӯ
Саф кашад аз лаби ҷӯ.
Чун майсаҳои навхез.
Пудина неш занад тез.
Мисли гилеми кабуд,
Саҳро шавад хушнамуд.
Гулҳои нав бирӯяд,
Гануму ҷав бирӯяд.
Ҳосил фаровон шавад,
Деҳқон ғазалхон шавад…
Барфи калон, марҳабо,
Нуқрафишон, марҳабо!
Баракати нав биёр,
Гул-гул шукуфад диёр!

## РӮДИ ВАХШ

Эй Вахши саркаш.
Эй манзари нур,
Рӯде надидам
Мисли ту пуршур.
Дар пеши роҳат,
Эй рӯди мағрур,
Кардем бунёд
Дарғоти машҳур.

Дидӣ, ки акнун
Роҳат дигар шуд,
Гуё, ки аз нав
Умри ту сар шуд.

Ту бо раҳи мо
Акнун равонӣ,
Хезад зи мавҷат
Нури амонӣ.

## ОБИ ЗИМЧУРӮД

Аз қуллаи кӯҳ,
Бо шӯру шукӯҳ
Меояд фуруд
Оби Зимчурӯд.

Чун оби тоза
Дорад овоза.
Хуштаъму хушнуд
Оби Зимчурӯд.

Ранги осмон
Ҳаст аз ӯ аён.
Соф асту кабуд
Оби Зимчурӯд.

Бурда ба водӣ
Файзи ободӣ.
Мехонад суруд
Оби Зимчурӯд.

Орад тароват,
Завқу ҳаловат
Бо суруди худ
Оби Зимчурӯд.

Аз ҳусни дара,
Аз ҳар шаршара
Медиҳад дуруд
Оби Зимчурӯд.

## ШАРШАРА

Чӣ, зебоӣ, шаршара,
Пурчилоӣ, шаршара.
Аз шонаи кӯҳистон
Мефуроӣ, шаршара.

Обат софи батоб аст,
Ҳамранг бо гулоб аст.
Чил кокули кӯҳ барин
Менамоӣ, шаршара.

Сӯйи ту по гузорам,
Намрезаи ту форам.
Дар рӯзҳои гармо
Пурсафоӣ, шаршара.

Мехонӣ бе дафу чанг
Таронаи хушоҳанг.

Чун мутриби гулдара
Хушнавоӣ, шаршара.

Дорӣ фазои зебо,
Рангинкамони тилло.
Ҳусни диёри моро
Мефизоӣ, шаршара.

## ТАҚДИРИ КӮҲУ ДАРЁ

Кӯҳканҳои диловар
Омаданд анбӯҳ-анбӯҳ,
Санги хороро бурида,
Нақб канданд аз дили кӯҳ.

Рӯзу шаб хонад тарона
Рӯд бо амвоҷи шодӣ,
Бо хурӯши ҷовидона
Мешитобад сӯи водӣ.

Ранга-ранга гул бирӯяд
Дар бари дашту даманҳо,
Мешавад ин водии нав
Боиси рашки чаманҳо.

Зӯртар бошад зи хоро
Дасти қудратноки инсон,
Мекунад ин даст, ҳатто
Кӯҳҳоро чаппагардон.

Кӯҳ аз ҳайрат хамӯш аст,
Рӯд гӯяд: – Ин чӣ мӯъҷиз!
Охир аз неруи инсон
Худ табиат монд оҷиз.

## ОБ ОМАДУ НУР ОМАД

Оғӯш кушо, эй дашт,
Об омаду нур омад.
Даври аламат бигзашт,
Айёми сурур омад.
Эй пир, ҷавон гаштӣ,
Фирӯзи замон гаштӣ.

Дарду ғами беобӣ
Бисёр кашидастӣ,
Шодобии дарёро
Як умр надидастӣ.
Аз гармии тобистон
Мешуд ҷигарат бирён.

Хокат ҳама дар сахтӣ
Зӯровари сандон буд,
Аз гармии ҷонфарсо
Чун кӯраи тафсон буд.
Тафбоди қанори ту
Мекост мадори ту...

Нав-нав самарат акнун
Касро бикунад мафтун,
Хоки сияҳат бахшад
“Тиллои сафед” афзун.
Гул-гул бишукуф, водӣ,
Об омаду ободӣ!

## СУРУДИ ДАРЁ

Аз тору пуди дарё
Хезад суруди дарё.
Дорад мақоми хоса
Буду набуди дарё.
Иқболи сабз бахшад
Оби кабуди дарё.
Ҷӯшу хурӯши мавҷаш
Дорад суҷуди дарё.
Шӯраш чу сози мутриб
Хонад дуруди дарё.
Дил мебарад ба шӯхӣ
Авҷи суруди дарё.



## САРГАҲИ ВАХШ

Вахш аз кучо сар шавад?
– Аз деҳи мо сар шавад.
Деҳи мо хушнамуд аст,
Дар соҳили ду руд аст.
Номи яке Хингоб аст,
Номи дигар Сурхоб аст.
Аз Хингобу аз Сурхоб
Дарё шавад пури об.
Номи он дарё Вахш аст.
Ҳамон Вахши зарбахш аст.
Вахш аз кучо сар шавад?
– Аз деҳи мо сар шавад.
Чӣ ном дорад деҳи мо?
Намегӯям ба шумо.
Харитаро накобед,
Номи деҳро биёбед.

## ДАРЁЧА

Дар деҳи мо як руд аст,
Чун риштаи кабуд аст.
Руд камоб меравад,
Бо сад азоб меравад.
Аммо мисли ришта зуд
Канда намешавад руд.
Дарёча мачро дорад.
Оби мусаффо дорад.
Аз хизмати рудбор
Бошад ҳама миннатдор.
Дарахтон дар пеши руд.
Ҳам кардаанд сари худ.
Роҳи рудро киштзор,
Бошад доим интизор.
Ман ҳам чун ташна монам,
Ба сӯи руд давонам.
Ба ду зону нишаста.
Ташнагиам шикаста.
Таъзим мекунам ҳар бор
Ба дарёчаи кӯҳсор.

## ОБ ОМАД

Об омаду об омад.
Аз руди Варзоб омад.
Бо кубурҳои калон
Омад то хонаамон.
Якбора чумакҳоро
Намекушоям асло.
Ҳамаашро кушоям.
Шавад кори ношоям.
Он гаҳ монад зери об
Ҳам дафтару ҳам китоб.
Дар зери об монад.
Кӯрпаю болину кат.

Ҷумакро аз ин сабаб
Мекушоям бо навбат.
Аз як ҷумак об ояд,
Обаки Варзоб ояд.
Бо он рӯямро шӯям,
Бо он мӯямро шӯям.
Бо он дастамро шӯям
Бо он хобамро гӯям.
Агар ман ташна монам,
Аз обаш чой ҷӯшонам.
Намехӯрам оби сард,
Гулуям мекунад дард.
Ба хонамон об ояд.
Аз руди Варзоб ояд.

*ЛАТОФАТ*

## ОБИ ДАРЁ

Сӯи водӣ,
Дашту саҳро,
Мешитобад
Об дарё.

То хӯрад об
Тифлаки ӯ –
Лолаи тар,
Сабзаи ҷӯ.

Бод нармак
То биёяд,
Беди маҷнун
Мӯ кушояд…

Тифли дарё
Беҳисоб аст.
З-ин сабаб ӯ
Дар шитоб аст.

## ШАРШАРА

Гиряи абри баҳор.
Қаҳқаҳаи кӯҳсор
Печиду шуд шаршара,
Духтари шӯхи дара.

Духтари шӯхи дара,
Аз бағали Гулдара
Шориду шориду дид
Куртаи худ сап-сафед.

Печиду печиду дид,
Ҷодару доман сафед.
Ханда заду ҳур шуд,
Силсилаи нур шуд.

## САФОИ ОБИ ТОЗА

Бод ларзон,
Сабза рақсон.
Ғунча хандон,
Абр гирён –
    Аз сафои оби тоза,
    Аз навои оби тоза.

Боғ рангин,
Роғ рангин,
Рӯйи лола
Доғ рангин –
    Аз сафои оби тоза,
    Аз навои оби тоза.

Ҷӯй мушкин,
Кӯй мушкин,
Дасту рӯву
Мӯй мушкин –
    Аз сафои оби тоза,
    Аз навои оби тоза.

Ашки борон,
Чашмасорон,
Рудбори
Рӯзгорон –
    Аз сафои оби тоза,
    Аз навои оби тоза.

## ЧАШМА

Чашма бувад ҳамчу нур,
Чашма давад бо сурур.
Чашма хуш ояд ба кас,
Чашма кушояд нафас.
Чашма биёрад сафо,
Чашма чӣ дорад?
Сахо!
Чашма чӣ хонад?
Суруд!
Чашма чӣ гӯяд?
Дуруд!
Чашма кучо рахсипор?
Чашма чаро бекарор?
Чашма шитобад ба дур!
Чашма ба мардум зарур!

## ОБАКИ МО

Обаки мо, обаки ширини мо,
Ёраки мо, ёраки дерини мо.
Ваҳ, ту чӣ сон тозаю тобандаӣ,
Чун дили мо, дидаи хушбини мо!
Пеши раҳат сар бикашад, гул кунад,
Сабзаи мо, лолаю насрини мо.

Бо ту бувад хурраму зебо хаёт,
Ҳамдами мо, ҳамраву ҳамшини мо!
Пок бидорем туро доимо,
Бас ки туӣ пок чу оини мо!
Обаки мо, рӯд шавӣ оқибат,
Дар ҳаки ту ин бувад омини мо.
Соф бимон, пок бимон, хуш бимон,
Обаки мо, обаки нӯшини мо!
Об наӣ, об наӣ, балки ҷон,
Ҷонаки мо, чонаки ширини мо!

*Собири ШОҲОНИ*

## ЧАНГОБ

Чангоб, рангат форам аст.
Овои сангат форам аст.
Эй мутриби кӯҳи Ҳисор,
Оҳанги чангат форам аст.

Аз кӯх меой фуруд,
Аз ганҷ мсорӣ дуруд.
Бар кӯи водӣ чун расӣ,
Аз шавқ мехонӣ суруд.

Чангоб, мавҷи зиндагӣ,
Файзи ту фавҷи зиндагӣ.
Дил мебарад оҳанги ту.
То авҷ – авҷи зиндагӣ.

Дарёчаи равшандилӣ.
Нури нишоти маҳфилӣ.
Водӣ шукуфон аз ту шуд,
Сарсабзии ҳар манзилӣ.

Чангоб. эй руди хушоб.
Чун оҳувон дорӣ шитоб.
Ҳар қатраи ҷонбахши ту.
Авлотар аст аз шаҳди ноб.





## РӮДИ ҶОВИД

Чашмаҳоро дӯш бар дӯш,
Мекашад чун модар оғӯш,
Меравад бо печутобе,
Дида кай пӯшад ба хобе.
Доимо чорӣ ба шодӣ,
Ҳам ба дашту ҳам ба водӣ.
Ҳам ба шаҳри мо – Душанбе,
Хурраму зебо – Душанбе.
Рӯди Варзобам шабу рӯз,
Ҷовидон обам шабу рӯз.
Аз Зидеҳи навбаҳорам,
Аз сари кӯҳи Ҳисорам.

## ОБИ ҲАЁТ

Аз қатраи об
Аз обошорон
Сад ҷӯча хезад
Фасли баҳорон.

Аз ҷӯву ҷӯбор
Рӯди калоне
Бар ҷони хаста
Рӯҳу тавоне.

Ҳар қатраи об
Бошад гуворо
Равшан намояд
Дилҳои моро.

Дунё зи файзаш
Бар дида тобон,
Гулхандаи сабз
Дар дашту домон.

Он ҷо, ки об аст
Набзи ҳаёт аст.
Ҳам бахту иқбол
Базму нишот аст.

## ОБАКИ ДИЛҶӮЙИ МАН

Обаки дилҷӯйи ман,
Ҷилвакунон сӯйи ман
Боз биё, боз шӯй
Дасти ману рӯйи ман.
Боз биё. то шавад
Атрфишон кӯйи ман.
Мавҷи ҳавоят саҳар
Шона занад мӯйи ман.
Қатрайи тобони ту
Шаддаи луълӯйи ман:
Бар сари мижгони ман,
Дар сари абрӯйи ман.

Обаки дилҷӯйи ман,
Ҷилвакунон сӯйи ман
Боз биё, нағма кун
Булбули хушгӯйи ман.
Боз баҳор омадаст
Сабз шавад ҷӯйи ман.

## ОБИ РАВОН

Оби равон омадӣ,
Давон-давон омадӣ.
Аз кӯҳсор омадӣ,
Оҳусавор омадӣ?!
Гамбускро овардӣ,
Аз боло фуровардӣ.
Гамбускро тар макун,
Гамбускро чар макун.
Мабар ба дашту адир,
Очаш шавад хавотир.

## ОБАКИ ВАРЗОБ

Тухми каду шинондем,
Қад-қади ҷӯ шинондем.
Ба ҷӯйи мо об омад,
Обаки Варзоб омад.
Кадуи мо калон шуд,
Фонуси боғамон шуд.

## МУНДАРИҶА

М.Миршакар. Обаки ширин ... 3
У.Раҷаб.Оби зулоли ҷубор, Обаки Варзоб, Обаки равон ... 4
Г.Сулаймонӣ.Хонаи об ... 6
Гулназар. Чашма, Рози об, Дарё бигӯяд ... 7
А.Бобоҷон.Об омаду нур омад /силсила/ ... 9
Ҳадиса. Об омад. Обаки заррин ... 15
С.Маъмур. Дарёи кӯҳӣ, Саргаҳи Вахш, Дарёча, Об омад ... 18
Латофат Оби дарё, Шаршара, Сафои оби тоза ... 21
Ҷ.Ҳошимӣ.Чашма, Обаки мо ... 23
С.Шоҳонӣ.Чангоб ... 25
Ш.Маҳмадёр. Рӯди ҷовид ... 28
Х.Ҷумъазода.Оби гуворо ... 29
Ю.Ахмадзода. Обаки дилҷуйи ман, Оби равон, Обаки Варзоб ... 30

**ОБАКИ ШИРИН**

*(шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *А.Муҳаммадиев*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Ш.Сангинмуродов*

Ба матбаа 7.07.2003 супурда шуд. Ба чопаш 10.08.2003 имзо шуд.
Формати 70х90 1/16. Қоғази офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 2,0.
Ҷузъи рангаи шартӣ 1,5. Ҷузъи нашрию хисобӣ
Адади нашр 500 нусха. Супориши №

Нашриёти “Адиб”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

ҶС “Матбуот”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

